Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст.**

Ҳадафи асосии низоми идоракунӣ дар мақомоти гумрук ба даст овардани ягонагии фаъолияти тамоми кормандони мақомоти гумрук буда, аҳамияти низоми идоракуниро дар мақомоти гумрук арзёбӣ намудан басо душвор аст, зеро таъмини амнияти иқтисодии дилхоҳ мамлакат ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии он аз идоракунии возеҳи дохили ин низом вобаста аст. Бинобар ин, дар шароити имрӯза таъмини рушди муносибатҳои гумрукӣ ва такмили методҳо ва воситаҳои танзими гумрукии фаъолияти иқтисодии берунӣ яке аз талаботи аввалиндараҷа мебошад.

Вобаста ба муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар рафти тадқиқи масъалаҳои ҳалталаби соҳа муаллиф дар асоси таҳлили назариявии самтҳои гуногуни назарияи фаъолияти гумрукӣ моҳияти фаъолияти гумрукиро асоснок намуда, таърифи идоракунии низоми гумрукро пешниҳод кардааст.

Дар таҳқиқот бо роҳи асоснок намудани моҳият ва ҷанбаҳои идорашавандагии меъёри хироҷи гумрукӣ, он дар барасмиятдарории гумрукӣ ҳамчун унсури хароҷотии ташаккули нархи хизматрасониҳое шарҳ дода шудааст, ки аз ҷониби низоми гумрук ба иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ расонада мешаванд.

Муаллиф дар асоси коркарди алгоритми равандҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук ва ташаккули низоми нишондиҳандаҳо ва инчунин меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрук алоқамандии унсурҳои низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти низоми гумрук ва пайдарҳамии иҷрои амалҳои баҳогузориро муайян намудааст.

Дар таҳқиқот муайян карда шудааст, ки зарурати такмили механизмҳои идоракунии низоми гумрук аз сатҳи пуррагии асоснок будани сиёсати «дарҳои кушод» ва умуман иқтисодиёти ошкоро вобаста мебошад. Ба андешаи муаллиф, дар самти муайян намудани самаранокии фаъолияти низоми гумруки мамлакат, интихоби низоми нишондиҳандаҳои мувофиқ басо муҳим мебошад. Бинобар ин, дар диссертатсия бо дарназардошти аҳамиятнокии ин масъала алгоритми

ташаккули нишондиҳандаҳои фаъолияти гумрук ва меъёрҳои дахлдор ҳамчун ниҳоди муҳими идоракунии ин низом коркард карда шудааст.

Дар рафти таҳқиқи асосҳои консептуалии коркарди сиёсати кадрӣ ва таъминоти кадрии низоми гумрук муаллиф чунин андешаронӣ менамояд, ки ҳанӯз ҳам норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи фаъолияти гумрук ва кадрҳои идоракунӣ мушоҳида мегардад ва ин масъала таҷдиди назар ба сиёсати кадрии низоми гумрукро тақозо менамояд. Ғайр аз ин, сатҳи пасти фаъолияти механизми иқтисодии идоракунии низоми гумрук мушоҳида мегардад, ки зарурати такмилдиҳии онро муайян менамояд. Инчунин дар таваҷҷуҳ ба иқтидори кадрии низоми гумрук дар таҳқиқот барои коркарди стратегияи рушд ва сиёсати кадрӣ алгоритми дар бар гирандаи марҳилаҳо пешниҳод карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқоти унвонҷӯ метавонанд ҷолиби диққати ашхоси доираҳои васеъи илмии мутахассисони соҳавӣ гардад. Чунончи муаллиф дар асоси хулосабандии таҳқиқи масъалаҳо ва натиҷаҳои бадастовардашуда роҳҳои такмили механизми идоракунии низоми гумруки мамлакатро пешниҳод намудааст.

Дар баробари тарафҳои мусбии кори диссертатсионӣ бисёр хуб мешуд агар диссертант ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ба ташкилотҳо ва ё иттиҳодияҳои гумрукии байналмилалӣ воридшавии мамлакатро низ мавриди таҳлил қарор медод. Аммо камбудии қайдгардида арзиши илмӣ ва амалии кори диссертатсионии иҷрогардидаро паст намекунад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», кори мустақилона ба анҷом расонидашудаи муаллиф ба шумор меравад. Диссертатсияи мазкур ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Турсунов Хушруз Муталибович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо сазовор мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи система ва**
**технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Насридиизода М.Ш.**

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тел: +992(37) 234-79-87

**Имзои н.и.и., дотсент Насридинзода М.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДТТ** **Бухориев Н.А.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ